# ҚАРОРИ
## МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «26» 01 соли 2018 №02/49 ш. Душанбе

Дар бораи ҷорӣ намудани дарси эссе дар
муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти бори аввал ҷорӣ шудани дарси эссе ба имтиҳоноти дохилшавӣ тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади омодагии хатмкунандагони синфи 11-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба навиштани эссе ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Дар синфҳои 11-и муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, аз 1-феврали соли 2018 то анҷоми соли хониш дарси навиштани эссе ҷорӣ карда шавад.

2. Навиштани эссе дар як ҳафта се соат – як соат аз ҳисоби дарси забони модарӣ, як соат аз ҳисоби дарси адабиёт ва як соат аз ҳисоби дарсҳои факултативӣ, захиравӣ ва ё дигар имконоти дохилии муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.

3. Омӯзгорони фанни забон ва адабиёт вазифадор карда шаванд, ки ҳангоми тафтиши эссе бештар ба риояи қоидаҳои имло, аломати китобат ва услуб диққат дода, хонандагонро талқин намоянд, ки дар навишти эссе аз истифодаи калимаю ибораҳои шевагӣ ва ҷумлаю ифодаҳои мушкилфаҳм худдорӣ намоянд.

4. Сардорони раёсатҳои маорифи ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки иҷрои ҳатмии қарори мазкурро таъмин намоянд.

5. Ба сармуҳаррири рӯзномаи «Омӯзгор» (Нурализода Н) супориш дода шавад, ки мавзӯъҳои эссеро дар шумораи навбатии рӯзнома ба нашр расонад.

6. Ба раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ (Муҳиддинов Қ.), Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ (Ёрмуҳамадзода Ш.) супориш дода шавад, ки иҷрои амалии қарори мазкурро дар моҳи феврал мавриди санҷиш қарор дода, аз натиҷаи он ба ҷаласаи назоратии назди вазири маориф ва илм гузориши муфассал манзур намоянд.

7.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Л. Назирӣ гузошта шавад.

Раиси ҷаласаи мушовара,
муовини якуми вазир Р. Мирбобоев

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

# ФАРМОИШИ
## ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

29.01.2018 №239 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01. 2018, №02/49

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2018, №02/49 «Дар бораи ҷорӣ намудани дарси эссе дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2018, №02/49 «Дар бораи ҷорӣ намудани дарси эссе дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).
2. Дар синфҳои 11-и муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, аз 1-феврали соли 2018 то анҷоми соли таҳсил дарси эссе ҷорӣ карда шавад.
3. Дарси эссе дар як ҳафта се соат – як соат аз ҳисоби дарси забони модарӣ, як соат аз ҳисоби дарси адабиёт ва як соат аз ҳисоби дарсҳои факултативӣ, захиравӣ ва ё дигар имконоти дохилии муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.
4. Омӯзгорони фанни забон ва адабиёт вазифадор карда шаванд, ки ҳангоми тафтиши эссе бештар ба риояи қоидаҳои имло, аломати китобат ва услуб диққат дода, хонандагонро талқин намоянд, ки дар навишти эссе аз истифодаи калимаю ибораҳои шевагӣ ва ҷумлаю ифодаҳои мушкилфаҳм худдорӣ намоянд.
5. Сардорони раёсатҳои маорифи ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки иҷрои ҳатмии фармоиши мазкурро таъмин намоянд.
6. Ба сармуҳаррири рӯзномаи «Омӯзгор» (Нурализода Н.) супориш дода шавад, ки мавзӯъҳои эссеро дар шумораи навбатии рӯзнома ба нашр расонад.
7. Ба раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ (Муҳиддинов Қ.), Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ (Ёрмуҳамадзода Ш.) супориш дода шавад, ки рафти иҷрои фармоиши мазкурро дар моҳи феврал мавриди санҷиш қарор дода, аз натиҷаи он ба ҷаласаи назоратии назди вазири маориф ва илм гузориши муфассал манзур намоянд.

8.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Л. Назирӣ гузошта шавад.

Вазир Нуриддин Саид

Муовини вазир

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус

Раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ

Хуқуқшинос